# ТЕРРОРИЗМ ВА ЭКСТРЕМИЗМ ДАР ЗАМОНИ МУОСИР

Асосгузори сулху вахдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Чумхурии Точикистон мӯхтарам Эмомалӣ Рахмон чунин изхор доштанд: **“Миллате, ки тафаккури миллӣ, таъриху адабиёт, расму оин, забон ва арзишхои фархангиашро аз даст медихад истиклолияти худро пуштибонӣ карда наметавонад. Миллате, ки хотираи таърихиашро пос намедорад, хох нохох тафаккураш гуломона гашта истиклолияти миллиашро аз даст медихад. Хифз накардани таърихи миллат ба инкори гузашта бурда мерасонад”** .

Терроризм худ падидаи номатлуби чомеаи навин буда, фахмиши он дар содир кардани чиноятхои вазнин,аз кабили катлу куштори инсон, ба гаравгон гирифтани одамон, тарконидани иншоотхои гуногуни истехсолӣ ва маишиву фарогатӣ, рабудани воситахои гуногуни наклиёт ва амсоли инхо дониста мешавад.

Экстремизм бошад, хислати чудоихохӣ, ифротгарой ва игвоангезиро доро буда бо терроризм алокаи зич дорад. Бо тарзи дигар, максад ва окибати экстремизм ин терроризм аст. Вале дар умум чунин хулоса намуд, ки харду ба истилох комилан хатари калони парокандагиву бесарусомониро доро буда, окибати басо нанговар доранд. Бояд тазаккур дод, ки харакатхои террористӣ дар микёсӣ олам гуногун буда, онхоро асосан ду унсури умумӣ бо хам муттахид мекунад: аввалан онхо барои халалдор сохтани амнияти чамъиятӣ ва суст намудани пояхои хокимияти давлатӣ равона гардида ва дигар ин ки ин харакатхо дар байни ахолӣ хиссиёти тарс, очизиро ба вучуд меоранд.

Истиклол ва вахдату сулх неъматхое хастанд, ки онхоро бояд хифз кард. Тачриба исбот кардааст, ки нигох доштану таквият бахшидани истиклолу вахдат чи кадар захматталабанд ва онхо дар баробари рушди иктисоду фарханг ва ичтимоиёт то чӣ андоза дастоварди нодир махсуб меёбанд. Бояд зикр кард, ки падидахои мазкур асоси

хамагуна муносибатхои мусбат дар чомеа ба хисоб мераванд.

Дар давлате ки оромиву, сулху субот ва амният хукмрон аст, фаъолияти самараноку бомароми сиёсати байналмилалиро метавон ба рох монд. Чун раванди чахонишавӣ, ки хам чихати манфӣ ва хам чихати мусбӣ дорад, мо бояд чихатхои мусбии онро азхуд кунему муттахидтар бошем, то манфиатхои миллии худро хифз намоем.

**Муночот Акрамова -**

**омӯзгори Муассисаи тахсилоти миёнаи умумии  15, нохияи Зафаробод**